**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044**
**назди Академияи идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**(734003, ш. Душанбе, к. Саид Носир 33)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ пешниҳод шудааст**

Хизмати давлатӣ дар ҷодаи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари илмӣ ва амалияи ҳуқуқшиносӣ басо мубрам ба ҳисоб меравад. Маҳз, мавҷудияти чунин мақомоти бонуфузи ҳифзи ҳуқуқ, мавқеи устувори он дар аксари кишварҳои дунё, ташаккули идоракунии маъмурӣ. ислоҳот дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ бо як қатор омилҳо, бахусус арзиши олӣ доштани ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд алоқаманд72 дониста мешавад.

Вазъи ҳуқуқӣ-маъмурии мақомоти Прокуратура дар Тоҷикистон, таъминоти ҳуқуқии маъмурии фаъолияти прокурор ҳамчун шахси мансабдор дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ, нақши мақомоти мазкур дар иртибот ба таъмину таҳкими қонуният имкон медиҳад, ки функсияхои идоракунии маъмурӣ ва дар маҷмуъ хизмати давлатӣ ба сатҳи сифатан нав расида, натиҷаҳои назаррас ба вуҷуд ояд. Бинобар ин, ҷиҳати амалӣ намудани вазифаҳои мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба фаъолияти он ҳамчун як намуди махсуси хизмати давлатӣ ҷорӣ кардани талабот, шарту шароити мусоиди ҳуқуқӣ

зарур аст, ки самаранокии идоракунии маъмуриро ба таври мутамарказ, инчунин бо риояи хусусиятҳои чунин хизмати давлатӣ дар робита ба ҳифзи ҳуқуқ мунтазам таъмин намояд.

Муаллифи автореферат Раҷабзода М.С. тавонистааст, ки масъалаҳои мураккаби ҳуқуқии марбут ба хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқи мақомоти прокуратура, мафҳумҳои "хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон", "рутбаи дараҷавии корманди прокурорӣ"-ро коркард намуда, инчунин дар навгониҳои илмии таҳқиқот асоснок намояд, ки ба вазифаи пасттар гузаронидан, паст кардани рутбаи дараҷавӣ ҳамчун ҷазои интизомӣ хилофи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ буда, як шакли меҳнати маҷбурӣ мебошад.

Таклифу пешниҳодот, хулосабарориҳои муаллиф оид ба такмили қонунгузорӣ, бахусус Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз як тараф зарур, аз ҷониби дигар дар робита ба тағйироте, ки дар соҳаҳои маориф ва хизмати давлатӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ ба миён омадаанд, баҳсбарангез, қобили мулоҳиза ва таваҷҷуҳ мебошанд.

Аз гуфтаҳои болозикр бармеояд, ки танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи умдаи илми ҳуқуқшиносӣ ва ҷомеа ба ҳисоб рафта, айни замон омӯзиши пурра ва ҳамаҷонибаро тақозо менамояд. Ба ин минвол, ба роҳ мондани як қатор чораҳои судманд, бахусус таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор бо пешниҳоди муаллиф дар ин самт, ки метавонад роҳи ҳалли баҳсҳои ҳуқуқии назариявӣ-амалӣ шавад, инчунин баҳри боз ҳам рушду равнақ бахшидани соҳаи мазкур таъсири мусбат расонад. Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Раҷабзода М.С. барои илми ҳуқуқшиносӣ мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ фаро гирифта, ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии пайдоиш ва рушди мақомоти прокуратура, таҳаввулоти хизмати давлатӣ ва присипҳои он дар робита ба фаъолияти прокурор ҳамчун шахси мансабдор, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро вобаста ба масъала ифода намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо иҷро намудааст.

Таҳлили мазмуни автореферат нишон медиҳад, ки муаллиф то ҳадде масъалаҳои таҳқиқотии дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст. Новобаста ба ин, баъзе нуқтаҳо дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд.

1. Дар қисмати тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот саҳифаҳои 24-25 автореферат муаллиф мебоист тавсеаи мушаххасро вобаста ба меъёри дар Қоидаҳои тартиби дохилии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда оид ба тариқи озмун ба кор қабул намудан ба мақомоти прокуратураро, ки ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ворид мегардад, мушаххас намояд.

2. Пешниҳоди муаллиф вобаста ба васеъ намудани рӯйхати шахсони таҳти ҳимояи махсуси давлат қарордошта ва дохил намудани тамоми кормандони прокуратура, сарфи назар аз мансаб ва вазифаи ишғолнамуда ба руйхати мазкур ба назари мо баҳснок аст, зеро на ҳамаи ин шахсон иҷрои вазифаи хизмати давлатиро ба маънои том бар уҳда доранд.

Гуфтаҳои болозикр ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духурагиро ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамояд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур бармеояд, ки Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ дар таҳқиқи мавзуи “Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи

Ҷумҳурии Тоҷикистон” қобилияти баланди таҳлилӣ, самараи эҷодкорӣ нишон додааст. Мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия ба “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ сазовор мебошад.

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
муовини директори Маркази миллии
қонунгузории назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадшозода Ф.А.

Имзои Маҳмадашозода Фарҳод Абдураҳмонро
тасдиқ менамоям.
Сардори бахши кадрҳо ва коргузории
Маркази миллии қонунгузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Фаттоев М.С.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии
қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734024, ш. Душанбе, кучаи академик А. Адҳамов, 13,
Тел: (+99237) 227-45-00, Факс: 227-63-64 www.mmk.tj; e-mail: info@mmk.tj

17.11.2023.